**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзуи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ (1920–2000)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020300 Таърих, 6D020303 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Автореферати диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзӯи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ (1920–2000)» ба яке аз масъалаҳои мубрами таърихнигории муосир бахшида шудааст.

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки омӯзиш, таҳлил ва истифодаи таҷрибаи муҳаққиқони рус дар ташаккул ва рушди мактаби таърихию мардумшиносии тоҷик, ҳалли масъалаҳои мубрами таърихӣ, рушди илми таърих дар Тоҷикистон ва тарбияи насли нави муҳаққиқон аҳаммияти муҳим дорад.

Дар диссертатсияи муаллиф, дар асоси маводи бойгонӣ ва адабиёти илмии мавҷуда, паҳлуҳои гуногуни ҳаёти моддӣ ва маънавии тоҷикон, ки дар асарҳои муҳаққиқони рус дар давраи мавриди таҳқиқ инъикос ёфтаанд, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар автореферат мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои методологӣ, навоварии илмӣ, аҳаммияти илмӣ ва назариявӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, инчунин мазмуну муҳтавои таҳқиқот ба таври мушаххас муайян гардидаанд.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф тавонистааст саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи аҳолии Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ дар солҳои 1920–2000 –умро маълум намояд. Чуноне дар автореферати диссертатсия муаллиф зикр менамояд, ки нахустин асарҳои муаррихон ва мардумшиносони рус оид ба омӯзиши мардумшиносии тоҷикони ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон ҳанӯз дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX таълиф гардидаанд.

Аз муҳтавои автореферат маълум мегардад, ки диссертатсия аз се боб ва шаш зербоб иборат буда, масъалаҳои дар нақшаи таҳқиқот пешбинишуда ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Мазмун ва муҳтавои автореферат ба мавзуи диссертатсия мувофиқат дошта, натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар он ба таври мушаххас инъикос ёфтаанд.

Автореферати диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзуи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ (1920–2000)», бо риояи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровarда шудааст. Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи дар «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, бо такя ба муҳтавои автореферати диссертатсия метавон ба хулоса омад, ки ин таҳқиқот дар сатҳи баланд анҷом ёфта, муаллиф сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих, 6D020303 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Тақриздиҳанда: мудири кафедраи
таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара н.и.т. Алишери А

Имзои Алишери А. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.

Нишонӣ: 735320, ш.-ки Данғара, кӯчаи Марказӣ-25.
Донишгоҳи давлатии Данғара
Тел.: (+992) 8331222842; Сомона: http:// www.dnu.tj
Почтаи электронӣ: E-mail: dddangara_2013@mail.ru
«11» 08 соли 2026